**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «25» 04 соли 2025 № 172/шд ш. Душанбе**

*Дар бораи қатъ кардани фаъолияти шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 15 банди 9, сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270) ва банди 122 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-064 назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон қатъ карда шуда, ваколати қабул ва баррасии диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080100-Агрономия (6D080103-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ; 6D060712-Хокшиносӣ) ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ва доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.00-Агрономия (06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ва 03.02.13-Хокшиносӣ) ба зиммаи шурои диссертатсионии навтаъсиси 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон вогузор карда шавад.
2. Диссертатсияҳое, ки то имзо шудани фармоиши мазкур аз тарафи шуро ба баррасӣ қабул шудаанд, баррасии минбаъдаашон дар шурои диссертатсионии навтаъсиси 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.
3. И.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Шоҳмуродзода З.М.) вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2025, №5

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ